# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» 05 соли 2025 № 215/ш.д. ш. Душанбе

*Дар бораи қатъи фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270), сархати 1 банди 121 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 54, 74, 82 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), бандҳои 8, 17, 40, 42, 57, 60, 64 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бартараф накардани камбудиҳо дар мавриди қабул ва баррасии диссертатсияҳо, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-073 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қатъ карда шавад.
2. Ҳимояи диссертатсияҳои Султонзода Беҳзод Султонӣ, Норбадалов Сорбон Соатмуродович, Улмасова Мавзуна Абдуахатовна ва Муҳамадизода Меҳриддини Боқӣ, ки то имзо шудани фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудаанд, тибқи муқаррарот баргузор гардад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ваизода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати 10 (даҳ) рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, барои ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур, дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2025, №6

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раис Давлатзода С. Х.

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ